# Сотсиология

Нақша:

1. Сотсиология ҳамчун илм, мақсад ва вазифаҳои он.
2. Таърихи ташаккул ва рушди сотсиология
3. Ҷамъият ҳамчун системаи томи иҷтимоӣ
4. Тағйирёбии иҷтимоӣ ва назарияи инкишофи ҷомеа

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОТСИОЛОГИЯ

- **ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ СОТСИОЛОГИЯ**
- Сотсиология ҳамчун илм солхои 40-уми асри XIX ба вуҷуд омадааст. Он солҳо даврони хеле ноороми таърихӣ буданд. Шӯриши бофандагони Лион дар Фаронса, бофандагони Силезия дар Олмон, ҳаракати чартистӣ дар Инглистон ва баъдтар соли 1848 инқилоб дар Фаронса далелҳои ҳолати бӯҳронии ҳаёти иҷтимою сиёсӣ ва иқтисодии он давр мебошанд.
- Одатан дар давраҳои ноороми таърих дигаргуниҳои босуръат, ки дар ҳаёти одамон ба амал меоянд, талабот нисбат ба донишҳое, ки раванди оянддаи Ҷомеаро пешгӯӣ менамоянд, меафзоянд. Одамон ба саволҳои ҷамъият дар кадом самт ҳаракат дорад, кадом арзишҳои иҷтимоиро пазируфтан лозим, мақоми худро дар ин раванд чӣ гуна бояд дарёфт кард, мехоҳанд, ҷавоб ёбанд.

- Асосгузорони таълимоти марксистӣ Карл Маркс ва Фридрих Энгелс фаолияти хешро маҳз ҳамон солҳо оғоз намудаанд. Онҳо ба анъанаҳои ратсионалистии фалсафаи классикии немис ва таҷрибаи сиёсӣ, иштироки хеш дар ҳаракатҳои инқилобӣ такя намуда, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиро дар доираи сотсиализми илмӣ, ки санги маҳаки онро назарияи инқилоби сотсиалистӣ ташкил медод, пешниҳод карданд.
- Гурӯҳи дигари олимон О. Конт, Г. Спенсер, М. Вебер роҳи ислоҳоти ҳаёти иҶтимоии ҷомеаро пеша намуданд. Онхо ҷонибдори роҳи осоиштаи ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ буда, дар бораи бартараф намудани бӯҳрони Аврупо, барқарор кардани ҳамдигарфаҳмӣ, якдилӣ ва ваҳдати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ фикр мекарданд.

- Солҳои 30-40-уми қарни XIX дар соҳаи фанҳои табиатшиносӣ як қатор назарияҳою кашфиёти нав ба вуҷуд омаданд. Дар он давр ба сафи пеши рушд фанҳои физика кимиё ва биология баромаданд. Кашфи сохти ҳуҷайра, қонуни бақо ва табдилёбии энергия, назарияи таҳаввулоти намудҳои Ч. Дарвин, аз ҷумлаи кашфиёти бузурги он замон буданд. К. Маркс ва Ф. Энгелс ин кашфиётро ҳамчун заминаи илмӣ-табиӣ барои бунёди назарияи материализм диалектикӣ ва таърихии худ истифода карданд. Барои О. Конт, Г Спенсер, Э. Дюркгейм бошад, ин кашфиёт ҳамчун замина дар эҷоди илми сотсиология, назарияи органикии рушди ҷомеа, ки ба шартҳои биология такя менамуд, хидмат карданд.

- Барои ташаккули сотсиология фақат заминаҳои иҷтимоӣ, илмӣ-табиӣ кифоя набуданд. Баробари ин, ташаккул ва рушди сотсиология ба маводи таҷрибавӣ усулҳои самарамоки тадқиқоти иҷтимоӣ ниёзманд буданд. Услубшиносӣ ва усулиёти тадқиқоти амиқи сотсиология дар зинаҳои аввал аз ҷониби олимони табиатшинос кор карда шуданд. Масалан, ҳанӯз дар асрҳои XVII-XVIII аз ҷониби олимон Ҷон - Граунт ва Эдмунд Галлей усули миқдории тадкиқи равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ эҶод шуда буд.

- Ҷ. Граунт соли 1662 ин усулро дар таҳлили сатҳи фавти аҳолии ҷомеа истифода бурдааст. Усули миқдорӣ, ҳамчунин, дар кори физик ва риёзидони номвар Лаплас «Очеркҳои фалсафӣ дар бораи эҳтимолият», ки вазъи мутаҳаррики ҷойгиршавии аҳолиро баррасӣ менамояд, истифода шудааст. Ҳодисаҳои ибтидои асри XIX ба тадқиқоти таҷрибавии сотсиология такони бузург бахшид. Рушди босуръати ҳаёти ҷомеа, ибтидои асри XIX шаҳришавии (урбанизатсия) ҳаёти аҳолӣ талаботро ба ин тадқикот дучанду сечанд афзуд.

# ОГЮСТ КОНТ - АСОСГУЗОРИ ИЛМИ СОТСИОЛОГИЯ

- Ақидаҳои гуногун оид ба ҳаёти иҷтимоӣ ҳанӯз дар таълимоти мутафаккирони давраи антиқа ба назар мерасанд. Асрҳои IV ва III пеш аз милод Афлотун дар асарҳояш "Қонунҳо", "Дар бораи давлат", Арасту дар китоби худ "Сиёсат" акидаҳои ҷолиби иҷтимоӣ баён намудаанд. Онҳо кӯшидаанд, табиати ҳаёти ҷамъиятро нафақат аз нуқтаи назари гузашта, балки оянда ҳам дарк кунанд.

- Афлотун намунаи сохти ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷамъият - давлати хаёлиеро аз худ боқи гузошт, ки ба нобаробарии ибтидоии одамон асос ёфта, аз ҷониби файласуфҳо идора мешавад.
- Аз замони Эҳё сар карда унсурҳои "фалсафаи таърих" (ин мафҳумро якум шуда Волтер истифода кардааст) ташаккул меёбанд, ки онҳо табиатан дунявӣ буда, тасвири ҳамаҷонибаи таърихи маданияти инсонро дар назар доштанд. Мутафаккирони давр кӯшидаанд, то ҷараёни таърихро аз диду шароити табии ва табиати худи инсон мавриди шарҳу эзоҳ қарор диҳанд.

- Сотсиология ҳамчун соҳаи махсуси илм солҳои 40-уми асри XIX ба вучуд омадааст. О. Конт дар асараш "Курси фалсафаи позитивӣ" бори аввал мафҳуми "сотсиология"-ро истифода карда, вазифаи ба таври илмӣ омӯхтани чамъиятро ба миён гузоштааст, ки ин ибтидои пайдоиши фанни сотсиология маҳсуб меёбад.
- О. Конт се зинаи тараққиёти ақлонии инсониятро нишон додааст: теологӣ (худошиносӣ); метафизикӣ (фалсафӣ), позитивӣ (мусбат, илмӣ).

- Дар зинаи теологӣ (худошиносӣ) инсон кулли ҳодисоти оламро ба тарзи тассавуроти динӣ баён намуда, решаҳои онро дар таъсири қувваҳои фавқуттабиӣ мебинад.
- Дар зинаи метафизикӣ (фалсафӣ) бошад, инсон мекӯшад, ҳодисоти ҷомеаро тавассути моҳият, сабабу натиҷа ва дигар мафҳумҳои фалсафӣ баён намояд.
- Зинаи инкишофи ақлонии инсониятро
- О. Конт позитивӣ, яъне мусбат ё илмӣ меномад.
- Дар ин зинаи инкишоф одамон аз маънидоди соддаю умумии моҳияту сабабият даст кашида, бештар ба мушоҳида ва дарки амиқи робитаҳои мутақобилаи ҳодисаҳо диққат медиҳанд.

- Гузариш аз як дараҷаи маърифати олам ба дигараш дар як вақт сурат нагирифта, он зина ба зина ба амал меояд ва дар ин ҷо шарти гузариш аз содда ба мураккаб амал менамояд. Объекти маърифат ҳар чӣ қадар оддӣ бошад, донишҳои илмӣ (позитивӣ) ҳамон андоза зудтар ба даст меоянд. Аз ин рӯ, донишьои илмӣ аввал дар риёзиёт, физика, ситорашиносӣ, кимиё ва баъд дар биология ҷорӣ гаштааст.
- Сотсиология қуллаи баланди дониши илмӣ (позитивӣ) мебошад. Омили дигаре, ки ба ақидаи О. Конт барои ташаккули фанни сотсиология сабаб шудааст, қонуни кашфнамудаи ӯ дар бораи тақсимот ва кооператсияи меҳнат мебошад. Ин омил аз нуктаи назари таърих аҳамияти хоса дорад, зеро маҳз дар натиҷаи он гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва касбӣ пайдо шуда, гуногунрангии ҷомеа меафзояд ва дараҷаи некӯаҳволии халқ боло меравад.

- О. Конт дар таълимоти хеш сотсиологияро ба ду қисм ҷудо менамояд: статикӣ ва мутахаррик, яъне динамикӣ.
- Сотсиологияи статикӣ (аз калимаи лотинии "доимӣ") шароит ва қонунхои фаъолияти низоми иҷтимоиро меомӯзад. Ин қисм институтҳои (ниҳодҳои) ичтимоӣ, аз ҷумла оила, дин ва ғайраро аз нуқтаи назари вазифаҳои иҷтимоӣ ва мақоми онҳо дар таъмини ваҳдату якдилии ҷомеа баррасӣ менамояд.
- Сотсиологияи мутаҳаррик (аз калимаи лотинии динамика, яъне серҳаракат) назарияи пешрафти иҷтимоиро, ки асосаш инкишофи маънавӣ ва ақлонии инсон аст дарбар мегирад.

# ЗИНАҲОИ АСОСИИ РУШДИ СОТСИОЛОГИЯ ДАР ИМА, РУСИЯ ВА ТОЧИКИСТОН

- Аз ибтидои асри XX тадқиқоти иҷтимоӣ дар ИМА нисбат ба дигар кишвархо бештар инкишоф ёфт.
- Дар ин давр маркази тафаккури сотсиологӣ аз Аврупо ба Амрико мекӯчад.
- Ба чунин ҳолат ду омили ба ҳам пайваст таъсир расониданд.
- Аввалан, дар ин ҷо сотсиология ҳамчун институти илмӣ ҳамаи панч зинаи ба расмиятдарориро бо суръати баланд аз сар гузаронд.
- Сониян, рушди босуръати қувваҳои истеҳсолӣ, саноат маводи зиёди амиқи таҷрибавиро барои тадқиқоти сотсиологӣ фароҳам меоварад.

- Сотсиология дар ИМА аз ибтидо ьамчун фанни тачрибавӣ (эмпирикӣ) ва амалӣ ташаккул ёфт. Ҳанӯз соли 1910 дар мамлакат зиёда аз 3000 тадқиқоти ичтимоӣ гузаронида шуд. Дар замони ҳозира ин рақам дучанд афзудааст. Тадқиқоти ичтимоӣ, агар дар Аврупо дар асоси ташаббуси чомеашиносон амалц гардад дар Амрико он аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда мешуд. Ҳар сол аз бучети давлат барои гузаронидани тадқиқоти ичтимоӣ зиёда аз 2 миллиард доллар маблағ чудо карда мешавад.

- Дар мамлакат қариб 100 ҳазор олимон ва мутахассисони ин соҳа фаъолият менамоянд. Ҳукумати ИМА сотсиологияро ҳамчун фишанги муҳим барои пешгирӣ ва ҳалли муноқишаҳои ижтимоӣ, идоракунии самаранок, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва дарачаи некӯахволии халқ эътироф менамояд. Рушди босуръати сотсиология ба талаботи ичтимоии замон вобасга аст.
- Байни масъалаҳои тадқиқшаванда мавзӯъҳои ичтимоигароии гурӯҳҳо дар чомеа,
- мутобиқшавии коргарон ба шароити нави ичтимоию фарҳангӣ,

- таъсири ҷорӣ гаштани технологияҳои нав ба вазъи равонию иҷтимоии кормандон ва ғайра мақоми хоса дорад. Дар ин соҳа тадкикоти Ф. Знанетский, У. Томас (1918), Э. Майо (1927-1930), А. Маслоу (1943), Ф. Харсберг ва Д. Мактрегор хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Дар асоси тадқиқоти иҷтимоии олимони номбурда дар ИМА ду барномаи калони дорои хусусияти иҷтимоӣ қабул шудааст:
- 1. Барномаи ҷорӣ намудани шаклҳои нави ташкили меҳнат.
- 2. Барномаи махсуси баланд бардоштани сатҳи зиндагии одамон.

- Ҷомеашиносон дар ИМА давоми солҳои тӯлонӣ ба назарияҳои гуногуни амалӣ ва нишондодҳои услубшиносӣ такя намудаанд. Масалан, солиёни зиёд услуби тадқиқоти иҷтимоӣ ба таълимоти бихевиористӣ такя менамуд. Бихевиоризм (аз калимаи англисии behavioz - рафтор, одоб) ҷомеашиносиро илм дар бораи одоби рафтори инсон ҳисоб мекунад. Асосгузорони ин таълимот Э. Торндайк, Д. Б. Уотсон, Д. Скинер мебошанд. Мувофиқи таълимоти онҳо одоби рафтори одамон ба ҳавасмандӣ ва вокуниши онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳавасмандии фаъолияти одамонро тағйир дода, аксуламали одамонро нисбати ин ё он намуди фаъолият тағйир додан мумкин аст. Яъне, рафтору кирдори одамонро идора намудан имконпазир аст. Ҳамин тариқ, бихевиористон ташаккул додани илмро дар бораи рафтори одамон вазифаи муҳими сотсиология меҳисобиданд.

- Зинаи якум бо фаъолияти мутафаккирон П. Л. Лавров (1829-1900), Н. М. Михайловский (1822-1904) вобаста буда, онхо асосан сотсиологии субъективиро инкишоф додаанд. Санги маҳаки сотсиологии субъективиро ақидаҳо дар бораи ҷамъият ва қонуниятҳои инкишофи он, пешрафти иҷтимоӣ, таҷдиди унсурҳои фарҳанг, расму ойинҳо, ташкил медиҳад. Ин зинаи рушди сотсиологц дар Русия ба ҷараёни ба расмият даромадани сотсиология ҳамчун фан вобаста мебошад. Солҳои 1918-1919 дар донишгоҳҳои шаьрьои Петроградск ва Ярославл кафедраи чомеашиноси таъсис ёфтааст. Соли 1919 Донишкадаи сотсиология ташкил шуда, унвони илмии номзади илмҳои сотсиология низ ҷори карда шуд.
- Зинаи дуюми инкишофи сотсиология дар Русия бо номиП. А. Сорокин, А. К. Гастев, С. Г. Струмилин, А. Ф. Журавский, Н. Ансифиров ва дигарон вобаста мебошад. Дар асарҳои ин мутафаккирон асосан масъалаҳои назариявии инкишофи чомеа, равандҳои тараққиёти он тадқиқ карда шудаанд. Баробари ин дар асарҳои як қатор ҷомеашиносон (Н. Ансифиров, А. Годулов, Б. Смулевич ва дигарон) масъалаҳои иҷтимоиию равонӣ, паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоии шаҳрҳо, муҳоҷирати одамон, фарҳанг ва ғайра мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

- Солҳои 30-юми асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ марксизм ба идеологияи ҳукмрони ҷомеа мубаддал гашт ва сотсиология ҳамчун қисми фанни фалсафа, хоса материализм таърихц эътироф шуд. Аз сабаби он ки гузаронидани тадқикоти амиқи таҷрибаи иҷтимоӣ ба доираи масъалаҳои назарияи фалсафӣ тааллук надошт, ин чиз барои материализми таърихц бегона ҳисобида шуд. Чунин муносибат зарбаи аввалин ба сотсиология ҳамчун фан дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Азбаски сотсиология бо таври амиқу мушаххас вазъи ҷомеаро омӯхта, воқеияти хақиқии онро муайян месозад, ба сиёсат ва мафкураи ҳамонвақтаи давлат мувофиқ намеомад.
- Зинаи сеюми рушди сотсиология дар Русия аз солҳои 60-ум оғоз ёфта, он бо номи "ислоҳоти хрушёвӣ" маъмул аст. Дар ҳамон давр тадқиқоти васеи иҷтимоӣ оид ба таъсир ва оқибатҳои пешрафти илму техника ба ҳаёти иҷтимоӣ ва сохтори фаъолияти касбии коргарону муносибати онҳо ба мехнат гузаронида шуд. Аз руи маводи ба дастомада таҳияи нақшаҳои дурнамои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ҷорӣ гардид.

- Давоми сольои 60-уми қарни сипарӣ сотсиология чун илм мақоми худро барыарор намуд. Дар назди Пажухишгохи фалсафаи АИ ИҶШС (Иттиходи Ҷамохири Шӯравии Сотсиолистӣ) шӯъба ва лабораторияи сотсиология ташкил карда шуд. Соли 1962 Ассотсиатсияи ҷомеашиносони шӯравӣ, соли 1964 дар назди Донишгоҳи давлатии Маскав (МГУ) кафедраи тадқиқоти мушаххаси иҷтимоӣ, соли 1969 бошад, Пажӯхишгохи тадқиқоти мушаххаси сотсиологи АИ ИҶШС ташкил гашта, дар дигар ҷумхуриҳои шӯрави шӯъбахои он ба кор шурӯъ карданд.
- Дар Тоҷикистон соли 1966 дар шӯъбаи фалсафаи АИ ИҶШС Тоҷикистон бахши сотсиология таъсис дода, солҳои минбаъда он ба шӯъбаи сотсиология табдил меёбад. Сотсиология чун фанни таълимӣ аз солхои 1996-1997 дар мактабҳои олӣ ҷорӣ мегардад.

# АҚИДАҲОИ ИҶТИМОИИ МУТАФАККИРОНИ

# ХАЛҚИ ТОҶИК

- Дар баъзе осори иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафии хориҷӣ нақши афкори иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ дар ташаккул ва рушди таълимоти иҷтимоию сиёсии умумибашарӣ сарфи назар карда шудаанд. Чунин муносибатро олимони тоҷик, ба монанди академикҳо Б. Ғафуров, М. Баҳоваддинов, М. Осимӣ, М. Диноршоев, профессорон А. Турсунов, М. Раҷабов, К. Олимов ва дигарон зери танқид гирифтанд. Оньо ва боз як ыатор олимони дигари тоҷик дар асарҳои илмии хеш афкори иҷтимоии халыи тоҷикро тадыиы намуда, нақши онро дар ташаккули ҷомеашиносии умумибаширӣ муайян намудаанд.
- Афкори иҷтимоии ниёгони мо аз Авесто сарчашма мегирад. Дар ин асари энсиклопедц баробари расму оиинҳои дини зардуштия, маълумот оид ба таърих, адабиёт, тиб, кимиё, фалсафа, ситорашиносӣ масъалахои иҷтимоӣ низ ба назар мерасанд.
- Инъикоси масъалаҳои ба табаыаҳо ҷудо шудани ҷомеа,меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ, вобастагӣ ва робитаҳои мутақобилаи одамон, пайдоиши меҳнати барзгар ва дигарҳо муғчаҳои ибтидоии афкори иҷтимоии тоҷикон дар давраи бостон буд. Дар ин бора академик М. Диноршоев чунин зикр мекунад: "Яке аз сабабҳои дар давоми 1500 сол ба дини Зардуштия эътиқод намудани эронинажодҳо аз нуытаи иҷтимоӣ, яъне ҷавобгӯи ниёзҳо ва дархостҳои ҷомеа будани он мебошад".

## ҶАМЪИЯТ ҲАМЧУН СИСТЕМАИ ТОМИ ИҶТИМОӢ

- **Фахмиши мафҳуми ҷамъият аз мавқеи сотсиология нисбат ба дигар фанҳои ин соҳа фарқ мекунад. Яке аз асосгузорони ин таълимот Э. Дюркгейм ҷомеаро чун воқеияти маънавии фақулфардии ба тасаввуроти ҷамоа асосёфта баррасӣ менамояд. Ба ақидаи ҷомеашиноси олмонӣ М. Вебер бошад, ҷамъият ҳамкории одамон буда, дар заминаи муносибатҳои мутақобилаи онҳо ба вуҷуд меояд. Ҷомеашиноси маъруфи америкоӣ Т. Парсонс ҷамъиятро чун низоми муносибатҳои одамон тавсиф кардааст. Дар раванди ин муносибатьо меъёру арзиш омили ьалкунанда маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи К. Маркс ҷамъият маҷмӯи муносибатхои таърихан инкишофёфтаи байни одамон аст, ки дар раванди фаъолияти муштарак ташаккул меёбад.**

- Яке аз ҳамин гуна нуқтаи муҳим тарғибу талқини меҳнат ва аҳли захмат аст. Зардуштия дастур медиҳад, ки барои касоне, ки дар ин замин ҳайвон мепарваранд, бахри тан ва зиндагии худ деҳоти маздояснoиро хароб ва горат намекунанд, бояд хаёти озодонаро таъмин кард.
- Ақидаьои ижтимоиию сиёсц, идеальои озодц, адлу инсоф, баробарӣ ва дигар арзишьои ижтимоц дар таълимоти маздакия, монавия низ хеле назаррасанд.
- Таълимоти ижтимоии мутафаккирони чалки тожик дар асрьои миёна низ хеле диыыатчалбкунанда аст. Барчастатарин намояндагони онхо Абӯнаср Форобӣ, Ибни Сино, Низомулмулк, Насириддин Тӯсӣ, Ҷалолиддини Давони, Аҳмади Дониш ва дигарон мебошанд. Онҳо дар ҳикмати амал нишон сохти идеалии жамъиятц ва давлатц таълимоти хаёлии ичтимоии худро ба таври мукаммал ба вуҷуд овардаанд. Мутафаккирон тарзи ташаккул ва бунёди ҷамъиятхои ичтимоц ва роххои идоракунии оноро нишон додаанд. "

- Форобц дар асараш "Китобу-л-мадинати-л-фозила" чунин менависад: "Инсон аз рӯи табиат мавжудоти чамъиятц коллективона буда, бе дигар одамон зиндагц карда наметавонад, зеро барои конеъ гардонидани талаботи худ мажбур аст, аз дигарон мадад пурсад. Бо иборам дигар, талаботи хаёти инсон дар ӯ хисси коллективият ва ниёзмандиро ба муомилаву муносибат ба вуҷуд меоварад".
- Ҷамъияти инсониро Форобӣ ба комил ва нокомил тақсим мекунад. Ҷамъияти комилро ӯ аз мадинаи (шаҳри) бузург, мйёна ва хурд иборат медонад. Таълимоти иҷтимоии Форобӣ дар асрхои минбаъда дар осори Ибни Сино, Низомулмулк, Насириддин Тӯсӣ, Ибни Халдун, Ҷалолиддини Давонӣ, Аьмади Дониш инкишоф ёфтааст.
- Мутафаккирони тожик дар таълимоти худ баробари бисёр мавзӯъьои муьими ичтимоц ронеъ ба чомеаи ормонц ақидаьои пурқимат баён кардаанд, дар ин ё он шакл эътироз ва норозигии табақаьои гуногунро аз тартиботи ноодилонаи он даврахо инъикос намудаанд.

- Дар ин тавсифҳо кулли муаллифон ҷамъиятро ҳамчун низоми том ва мураккаби иҷтимоӣ, ки байни унсурҳои он робитаҳои ногусастанӣ мавҷуданд, эътироф намудаанд. Чунин муносибатро дар ҷомеашиносӣ муносибати низомӣ меноманд. Вазифаи асосии ин шарт иборат аз он аст, ки ақидаҳои гуногунро оид ба ҷамъият ба хам пайваста, назарияи ягонаи ижтимоӣ ба вучуд оваранд. Азбаски ҷомеаи инсонӣ низоми аз хама мураккаб аст, барои онро дарк намудан, мушкилоти иҷтимоиро ҳаллу фасл намудан шарти муносибати низомӣ ёрӣ мерасонад.
- Ҳангоми омӯхтани ин мавзӯъ ба дарки мафхумхои зерин бояд диққат дод:
- 1. Система (низом) воҳиди ягонаест, ки аз унсурҳои зиёд ва гуногуни бо ҳам алоқаманд иборат аст. Табиати дохилӣ, мазмуни ҳар гуна низоми том, бунёди онро маҷмуи унсурҳо ташкил менамояд.
- 2. Системаи иҷтимоӣ (низоми ичтимоӣ) воҳиди томест, ки унсури асосиашро одамон, робитаҳои тарафайн, хамкорӣ ва муносибатьои оньо ташкил медиханд. Ин робита, муносибат ва хамкориҳо хислати доими, такрор истеьсолшавӣ дошта, аз насл ба насл интикол мешавад.

- 3.Робитаҳои иҷтимоӣ маҷмӯи омилҳоеанд, ки ба фаъолияти муштараки одамон дар умумиятҳо ва вақти аниқ барои ба даст даровардани ин ё он мақсад мусоидат менамоянд. Алоқаҳои иҷтимоӣ, новобаста аз майлу хоҳиши одамон, ба таври воқеӣмавҷуданд. Ташаккули ин робитаҳо аз шароитҳое, ки одамон зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, бармеоянд.
- 4. Ҳамкории иҷтимоӣ равандест, ки фаъолияти одамон ва таъсири мутақобилаи онҳоро фаро мегирад. Механизми ҳамкории иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, фаъолияти фардҳост, ки ин ё он амалро иҷро мекунанд, тағйироте, ки дар умумиятҳо ё ҷомеа ба вуҷуд меоянд ва таъсири онҳоро ба фард ва фардро ба ин тағйирот дарбар мегиранд. Ҳамкориҳо барои ташаккули муносибатҳои нави ижтимои замина мегузоранд.
- 5. Муносибатҳои ичтимои алоыамандии нисбатан устувори байни фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошанд.

- Ҷамъият аз маҷмӯи одамон, муносибат ва ҳамкорӣ, хамдастии иҷтимоии онҳо ба вуҷуд меояд. Вале ҷомеа маҷмӯи одии муносибатҳо набуда, балки низоми ягонаву воҳид, сифатан наву махсус аст. Муносибат ва хамкориьо хусусияти фавыулфардӣ доранд, яъне ҷамъият ҷавьари мустақилест, ки нисбати одамон муқаддам аст. Ҳар як фарде, ки таваллуд меёбад, ба сохтори муайяии робитаву муносибатҳо дучор омада, дар раванди иҷтимоигарой ба он ворид мегардад.
- Дар ҷомеа муносибатьои гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумлаи муьимтармии онҳо робитаьои ба истилоь координатсионц (аз калимаи лотинии мутобиқ омадан) ва субординатсионц (аз калимаи лотинии ба тартиб овардан) мебошад. Координатсия созгорц, хамохангии унсурьо, вобастагии тарафайни онҳо буда, ягонагиву ваьдати низомро ба вужуд меоварад. Субординатсия бошад, дар лугати русӣ-тоҷикӣ ба маънии "мартабот" омада, тобеияти унсурҳоро ба якдигар, ки дар, ки дар низоми воьид маыому мавқеъьои гуногун доранд, ифода менамояд.
- Ҳамин тариқ, чомеа низоми томи сифатан махсусест, ки ягонто аз унсурхояш он хислатро на доранд. Низоми иҷтимой ба туфайли хусусияти васлу вахдатгарои назар ба кулли унсурхои таркибиаш табиат ва тарзи инкишофи сифатан нав на нисбатан мустақилро ба даст меорад.

- Муносибати муназзами ҷомеа усули ягона нест. Баробари он усулҳои детерминистӣ ва функсионалӣ низ вучуд доранд. Назарияи детерминизми иҷтимоӣ эжоди таълимоти марксистц мебошад. Мувофиқи он чамъият чун низоми томи ичтимоц ба дигар зернизомҳо, монанди иқтисодц, ичтимоц, сиёсц ва мафкуравц ҷудо мешавад. Дар навбати худ ҳар яки онхоро чун низоми алоьида меомӯзанд. Байни зернизомҳои номбурда алокамандии сабабу натиҷа ҷой дорад, яъне як зернизом боиси пайдоиши вазъи воыеии дигаре мегардад. Масалан, иытисодиёт вазъи воыеии дигар зернизомҳоро дар ниҳоят муайян месозад. Дар навбати худ ҳар як зернизом ба якдигар таъсири мутақобила мерасонад.
- Муносибати функсионалц низ дар маърифати жамъият мақоми хос дорад. Инкишофи жамъият чун низоми томи ижтимоц худтақсимшавц, яъне дифференсиатсияро таыозо менамояд, ки дар ин раванд вазифаьои нави унсурҳои низомба миён меоянд.
- Ғояҳои функсионализм бештар ба сотсиологияи англису амрикоӣ хосанд. Нуытаҳои асосии функсионализмро олими англис Г. Спенсер дар асараш "Асосҳои жомеашиносц" ва ҷомеашиносон А. Радклифф-Браун, Р. Мертон, Т. Парсонс кор баён кардаанд.

- Усулҳои асосии функсионалзм аз нигоҳи Г. Спенсер инҳоанд: а) ҷамъият воҳиди том ва низоми ягонаро ташкил дода, он аз ҷузъҳои бисёри иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, динӣ иборат аст; б) ҳар як ҷузъ фақат дар доираи воҳиди том мавҷуд буда, ҳар яки онҳо вазифаҳои мушаххасеро иҷро менамоянд; в) вазифаи ьар як ҷузъ ифодаи қонеъгардонии ин ё он талаботи иҷтимоӣ мебошад; г) азбаски хар як ҷузъ вазифахои хоси худро иҷро менамояд, хангоми суст гаштани фаъолияти як чузъ вазифаи дигар ҷузъҳо низ халалдор мегардад; г) барои таъмини сулху осоиш, муназзамии хаёти иҷтимоӣ назорати иҷтимоӣ мақоми хоса дорад.
- Ин таълимотро минбаъд олимон Р. Мертон, Т. Парсонс инкишоф доданд.

## ТАҒЙИРЁБИИ ИҶТИМОӢ ВА НАЗАРИЯИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА

- Тагйирёбии иҷтимоӣ ин гузариши низомхои ичтимоц, институтҳо (ниходҳо) ва ташкилотьо аз як ҳолат ба холати дигар мебошад. Мафхуми "тащйирёбии иҷтимоӣ" тавассути мафхуми "инкишоф" маънии нисбатан мушаххас пайдо менамояд. Инкишоф раванди бебозгашти тащйирёбии объектьои моддию маънавц, тащйирёбиро аз поён ба боло, азсода ба мураккаб ифода менамояд.
- Одатан жомеашиносон якчанд шакли тащйирёбии ижтимоц на инкишофро жудо мекунанд. Тащйирёбии иҷтимоии тахаввули (эволютсия - лот.: ташаккул), и и кил оби (револютсия -лот.: табаддулот), инкишоф (прогрес - лот. - болоравц), таназзул (реiресс - лот. - пастравӣ), тақлидӣ (имитатсионӣ лот. -таклид) ва иинoватсионӣ (навоварц) аз кабили оньост.

- Тащйироти ижтимоии тахаввули равандест, ки объектхо зина ба зина ба таври табиц ва тадрижан аз як ьолат ба холати дигар мегузаранд. Дар тагйироти инқилобӣ бошад, дигаргунихои куллии сифатц бо суръати тез ба амал меоянд.
- Таълимоти тахаввулгароии ичтимоӣ мекӯшад, ки раванди гаърихро чун чузъи жараёни беҳудуд, рангоранг ва фаъоли тахаввулоти кайхон, замин, фарханг тасаввур кунад. Намояндаи барчастаи назарияи тахаввулгароц чомеашиноси англис Г. Спенсер мебошад. У нақшаи нисбатан мукаммали раванди таьаввулотро эжод кард, ки он якчанд нуытаи муьиму аслиро дарбар мегирад. Санги махаки ин накшаро раванди дифференсиатсия (лот.: тафрика) ва интегратсияи (лот.: муттахидшавц) ходисахои ичтимоц ташкил медихад. Ба аыидаи Спенсер тахаввули ижтимоц чузъи таркибии тахаввулоти хамачониба мебошад. Он аз шаклхои мураккаб гардидаи хаёти ижтимоц, дифференсиатсия ва интегратсияи он иборат аст. Дар таълимоти Г. Спенсер мазмуии ақидаҳои жомеашиносони таьаввулгарои асри XIX, ки мавчудияти зинаҳои таърихии ҷамъияти инсониро эътироф доштанд, ба таври мураттаб ифода ёфтааст.

- Мувофиқи ои таърихи инсоният аз шаклҳои содда ба мураккаб, аз шакли анъанавӣ ба ақлонӣ, аз бедонишӣ ба маърифатнокӣ ва ниҳоят аз дифференсиатсия ба сӯи интегратсия, вахдату ягонагии ҳаёти иҷтимоӣҳаракат менамояд.
- Охирхои асри XIX ва ибтидои асри XX дар радифи таълимоти таҳаввулгароии Г. Спенсер назарияҳои "ҷамъияти саноатӣ ё индустриалӣ" ва "ҷомеаи баъдииндустриалӣ" ташаккул ёфтанд.
- Таълимоти ҷомеашиносони таҳаввулгаро байни дигар назарияҳои иҷтимоӣ маком и афзалиятнок ишгол мекард. Вале, баробари ин, назарияи инқилобгароии тағйирёбии иҷтимоӣ низ вуҷуд дошт. Эҷодгарони ин назария асосгузорони таълимоти марксистӣ К. Маркс ва Ф. Энгелс буданд.

- Таълимоти марксистии рушди ҷомеа дар маънидоди таърихи инкишофи тамаддуни инсонӣ ба назарияи тараққиёти форматсионӣ (лот.: шакл) такя менамояд.
- Тибқи ин таълимот инсоният панҷ зинаи асосии тараққиёт: ҷамъияти ибтидоӣ, ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва коммунистиро аз сар мегузаронад. Гузариш аз як зинаи тараққиёт ба зинаи дигар фақат тавассути инқилоби иҷтимоӣ рух медиҳад.

# НАЗАРИЯИ ШАКЛИ ФАРҲАНГӢ-ТАЪРИХИИ РУШДИ ҶОМЕА

- гояи пешрафти иҷтимоӣ
- Яке аз чунин шаклхои маълум ва паҳнгашта таълимотии шакли фарҳангӣ-таърихии инкишофи ҷамъият аст.
- Асосгузорони ин назария ҷомеашиноси рус Н.Я. Данилевский, файласуфи олмонӣ О. Шпенглер, олими англис А. Тойнби ва дигарон мебошанд. Мазмуни асосии назарияи шакли фарҳангӣ-таърихии инкишоф аз он иборат аст, ки муаллифон гуногунрангии хатти инкишофи ҷамъияту фарҳангро ба инобат гирифта, шаклхои муайяни низоми иҷтимоию фархангӣ ва хусусиятҳои онҳоро ҷудо менамоянд. Баробари ин онҳо ақидаеро оид ба сарбастагӣ, хусусиятҳои маҳаллӣ доштани таҳаввули фарҳангу тамаддунҳо пешниҳод намудаанд. Назарияи шакли фарҳангӣ-таърихӣ бар хилофи ақидаҳои аврупогароӣ пайдо шудааст.

- Н. Я. Данилевский халқҳои ҷаҳонро ба "таърихӣ" ва «ғайритаърихӣ" ҷудо менамояд. Ба ақидаи ӯ халқҳои ғайритаърихӣ тақдири худро мустақилона ҳал карда наметавонанд, ба эҷоди шакли давлатдорӣ низ қобил нестанд ва ғайра. Бинобар ин, онҳо аз офаридани шакли махсус ва асили фарҳангӣ худ низ оҷизанд. Халқҳои таърихӣ бошанд, қодиранд, ки фарҳангӣ махсус эҷод кунанд. Н. Я. Данилевский шакли тамаддуни асилро ҷудо кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо фарҳангӣ, мисрӣ, хитоӣ, ассириву вавилонӣ, ҳиндӣ, эронӣ, яҳудӣ, юнонӣ, римӣ, навсемитӣ, романиву олмонӣ, перуанӣ мебошанд. Бар хилофи олимонӣ мавсуф, дигар ҷомеашиноси рус П. А Сорокин назарияи таҳаввули фарҳангию таърихиеро эҷод кардааст, ки ғояи инкишофро эътироф менамояд. Тибқи ин ақида аломатҳои ташаккули тамаддуни нав фарҳанги умумибашарӣ  ба ҳисоб меравад. Ин ақида минбаъд аз ҷониби бисёр олимон дастгирӣ ёфта, хеле тараққӣ кардааст.